# Course name: Circular Economy Fundamentals

## Week 1: Introduction to Circular Economy: Concepts and Principles

## Номи фан: Асосҳои иқтисодиёти даврӣ

(Circular Economy Fundamentals)

**МАВЗӮИ 1:** Муқаддима ба иқтисодиёти даврӣ: мафҳумҳо ва принсипҳо

**Нақшаи лексия:**

1. Муқаддимаи фанни "Асосҳои иқтисодиёти даврӣ".
2. Пайдоиш ва рушди консепсияи иқтисодиёти даврӣ.
3. Мафҳуми иқтисодиёти даврӣ.
4. Муқоисаи иқтисодиёти хаттӣ ва иқтисодиёти даврӣ.
5. Принсипҳои асосии иқтисодиёти даврӣ.
6. Нақши иқтисодиёти даврӣ дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ).

### 1. Муқаддимаи фанни "Асосҳои иқтисодиёти даврӣ".

Дар шароити рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, кам намудани партовҳо ва ҳифзи муҳити зист аҳамияти махсус пайдо намудаанд. Модели анъанавии иқтисодӣ, ки ба принсипи хаттии «гирифтан – истеҳсол кардан – партофтан» асос ёфтааст, дигар наметавонад талаботи рушди устувори иқтисодиро пурра қонеъ гардонад. Афзоиши истеъмоли захираҳо, зиёдшавии ҳаҷми партовҳо ва таъсири манфии фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳити зист зарурати ҷустуҷӯи равишҳои нави идоракунии иқтисодиро ба миён овардааст. Дар ҳамин замина, консепсияи иқтисодиёти даврӣ ҳамчун яке аз равишҳои муҳим ва муосири рушди иқтисодӣ ба миён омадааст.

Иқтисодиёти даврӣ модели рушди иқтисодиро пешниҳод менамояд, ки дар он захираҳо ва маводҳо то ҳадди имкон дар гардиши иқтисодӣ нигоҳ дошта мешаванд, истифодаи онҳо самаранoктар мегардад ва ҳаҷми партовҳо коҳиш дода мешавад. Дар чунин низом арзиши маҳсулот, мавод ва захираҳо барои муддати дароз нигоҳ дошта шуда, коркарди дубора, истифодаи такрорӣ ва тарҳрезии устувори маҳсулот ҳамчун унсурҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ баромад мекунанд. Ин равиш ба ташаккули иқтисодиёти устувор мусоидат намуда, имконият фароҳам меорад, ки рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мутобиқ гардонида шавад.

Фанни «Асосҳои иқтисодиёти даврӣ» ба омӯзиши принсипҳо, мафҳумҳо ва заминаҳои стратегии иқтисодиёти даврӣ равона шудааст. Дар доираи ин фан масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла моделҳои тиҷоратии даврӣ, тафаккури давраи ҳаёти маҳсулот (life-cycle thinking) ва равишҳои системавӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ин равишҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти иқтисодӣ аз нуқтаи назари

устуворӣ, самаранокии истифодаи захираҳо ва кам намудани таъсири манфӣ ба муҳити зист арзёбӣ карда шавад.

Мақсади асосии омӯзиши фан ташаккули фаҳмиши мукаммал оид ба принсипҳои иқтисодиёти даврӣ ва имкониятҳои татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина масъалаҳои таҳлили моделҳои тиҷоратии даврӣ, арзёбии таъсири онҳо ба рақобатпазирии иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, инчунин омӯзиши воситаҳои сиёсие, ки гузариш ба иқтисодиёти сабз ва давриро дастгирӣ мекунанд, мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Ҳамзамон, истифодаи воситаҳои таҳлилӣ барои арзёбии стратегияҳои устуворӣ ва таҳияи тавсияҳои амалии илмӣ асосёфта ҷиҳати татбиқи қарорҳои даврӣ дар фаъолияти ташкилотҳо ва муассисаҳо аҳамияти муҳим дорад. Равишҳои иқтисодиёти даврӣ инчунин имкониятҳои нави инноватсионӣ фароҳам оварда, шароити мусоид барои ворид намудани принсипҳои устуворӣ ба равандҳои идоракунӣ, қабули қарорҳо ва фарҳанги ташкилотӣ муҳайё месозанд.

Фанни мазкур бо як қатор фанҳои дигари иқтисодӣ робитаи зич дорад ва дар асоси донишҳои аз онҳо бадастомада такя мекунад. Аз ҷумла, он бо фанҳои назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти корхона, идоракунии соҳибкорӣ, менеҷмент, маркетинг, иқтисодиёти захираҳои табиӣ, иқтисодиёти экологӣ, инноватсия ва идоракунии технологияҳо ва иқтисодиёти рушди устувор иртиботи бевосита дорад. Донишҳои аз ин фанҳо гирифташуда имкон медиҳанд, ки масъалаҳои марбут ба истифодаи самараноки захираҳо, ташкил ва идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ, таҳияи стратегияҳои рушди устувор ва татбиқи моделҳои нави тиҷоратӣ дар доираи иқтисодиёти даврӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд.

Ҳамчунин, иқтисодиёти даврӣ бо фанҳое, ки масъалаҳои сиёсати иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ меомӯзанд, робитаи зич дорад, зеро татбиқи ин консепсия бе дастгирии сиёсатҳои давлатӣ, механизмҳои танзимкунӣ ва стратегияҳои рушди устувор ғайриимкон мебошад.

Дар адабиёти илмии муосир масъалаҳои гуногуни иқтисодиёти даврӣ ба таври васеъ таҳлил гардидаанд. Тадқиқотҳои марбут ба симбиози саноатӣ, идоракунии устувори партовҳо, моделҳои нави тиҷоратӣ ва таҷрибаи гузариш аз иқтисодиёти хаттӣ ба иқтисодиёти даврӣ дар асарҳои муҳаққиқоне чун Andrea Raggi, Ed Weenk, Marc A. Rosen, Irina Antonova, Ata Akçil, D. Walcher ва дигарон мавқеи муҳим доранд.

Дар баробари ин, масъалаҳои рушди иқтисодиёти сабз ва гузариш ба модели иқтисодиёти устувор дар санадҳои стратегӣ низ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, «Стратегияи рушди иқтисодиёти “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037» ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ самтҳои асосии рушди устувор ва истифодаи самараноки захираҳоро муайян менамояд.

Ҳамин тавр, омӯзиши принсипҳо ва механизмҳои иқтисодиёти даврӣ барои ташаккули модели нави рушди иқтисодӣ аҳамияти муҳим дошта, метавонад ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, кам намудани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва таъмини рушди устувори ҷомеа мусоидат намояд.

## 2. Пайдоиш ва рушди консепсияи иқтисодиёти даврӣ.

Пайдоиш ва ташаккули консепсияи иқтисодиёти даврӣ бо рушди назарияҳои иқтисодӣ ва афзоиши таваҷҷуҳ ба масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошад. Дар нимаи дуюми асри XX бо афзоиши босуръати истеҳсолот, рушди саноат ва зиёд гардидани ҳаҷми истеъмол масъалаҳои маҳдудияти захираҳои табиӣ ва зиёд шудани партовҳои истеҳсолӣ ба яке аз мушкилоти

муҳими глобалӣ табдил ёфтанд. Ин раванд зарурати ҷустуҷӯи моделҳои нави рушди иқтисодиро ба миён овард.

Асосҳои назариявии консепсияи иқтисодиёти даврӣ бори аввал дар солҳои 60-уми асри гузашта ба миён гузошта шуданд. Иқтисоддони амрикоӣ Кеннет Боулдинг дар кори маъруфи худ масъалаи зарурати гузариш аз модели «иқтисодиёти кушода» ба модели «иқтисодиёти пӯшида»-ро пешниҳод намуд. Ӯ иқтисодиётро ҳамчун як системаи маҳдуди захираҳо баррасӣ намуда, таъкид мекард, ки дар шароити маҳдудияти захираҳои табиӣ ҷомеа бояд ба истифодаи самараноки онҳо ва гардиши такрории мавод таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

Дар солҳои 70-уми асри XX дар кишварҳои аврупоӣ масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳо ва коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти саноатӣ ба муҳити зист фаъолона баррасӣ гардиданд. Дар ҳамин давра идеяи гузариш аз модели анъанавии саноатӣ ба модели иқтисодие, ки ба гардиши такрории захираҳо асос меёбад, ташаккул ёфт. Ин раванд бо пайдоиши консепсияҳои нав, аз ҷумла иқтисодиёти экологӣ, саноати экологӣ ва идоракунии устувори захираҳо алоқаманд буд.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI консепсияи иқтисодиёти даврӣ ба таври назаррас рушд ёфт. Дар ин давра дар адабиёти илмӣ ва амалияи иқтисодӣ равишҳои гуногуни татбиқи ин модел пайдо шуданд. Яке аз самтҳои муҳим дар рушди ин консепсия ташаккули назарияи симбиози саноатӣ мебошад, ки мувофиқи он партовҳои як корхона метавонанд ҳамчун захираи истеҳсолӣ барои корхонаи дигар истифода шаванд. Ин равиш имконият медиҳад, ки ҳаҷми партовҳо кам гардида, самаранокии истифодаи захираҳо баланд бардошта шавад.

Дар солҳои охир рушди иқтисодиёти даврӣ бо равандҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Инқилоби чоруми саноатӣ, пешрафти технологияҳои рақамӣ ва афзоиши талабот ба рушди устувор алоқаманд мебошад. Технологияҳои муосир, аз қабили рақамикунонӣ, интернети ашё (IoT), зеҳни сунъӣ ва технологияҳои коркарди мавод имконият фароҳам меоранд, ки равандҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ самараноктар идора карда шаванд ва гардиши захираҳо дар иқтисод беҳтар таъмин гардад.

Имрӯз иқтисодиёти даврӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ ва экологӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон эътироф шудааст. Созмонҳои байналмилалӣ, ҳукуматҳо ва ширкатҳои бузург тадбирҳои гуногунро барои ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисодиёти даврӣ дар истеҳсолот, идоракунии захираҳо ва рушди иқтисодӣ амалӣ менамоянд.

### 3. Мафҳуми иқтисодиёти даврӣ.

Дар тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ равишҳои гуногун нисбат ба шарҳи мафҳуми «иқтисодиёти даврӣ» пешниҳод шудаанд. Баррасии ин тадқиқотҳо нишон медиҳад, ки муҳаққиқон ба ин мафҳум аз нуқтаи назари гуногун муносибат мекунанд. Таҳлили андешаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки то имрӯз дар байни олимон нисбат ба таърифи ягонаи модели иқтисодиёти даврӣ ҳамфикрии пурра вуҷуд надорад. Баъзе муҳаққиқон ба ин мафҳум таърифи васеъ медиҳанд ва онро ҳамчун системаи нави рушди иқтисодӣ тавсиф менамоянд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар иқтисодиёти давриро асосан бо истеъмоли масъулона ва кам кардани ҳаҷми партовҳои саноатӣ пайваст менамоянд.

Сарфи назар аз он ки консепсияи иқтисодиёти даврӣ рӯз ба рӯз маъруфияти бештар пайдо мекунад, ташаккули таърифи ягона ва умумӣ барои ин мафҳум то ҳол пурра имконпазир нашудааст.

**Ҷадвали 1. - Таърифҳои иқтисодиёти даврӣ дар тадқиқоти илмӣ**

| Манбаъ | Таъриф |
|---|---|
| Kirchherr J., Reike D., Hekkert M**.** | Иқтисодиёти даврӣ низоми иқтисодиест, ки ба моделҳои муосири тиҷоратӣ асос ёфта, дар он мафҳуми «поёни давраи ҳаёти маҳсулот» бо кам кардани истифодаи захираҳо, истифодаи такрорӣ ва коркарди дубораи мавод дар равандҳои истеҳсол, тақсимот ва истеъмол иваз карда мешавад. Ин низом дар се сатҳ амал мекунад: микро (маҳсулот, ширкатҳо ва истеъмолкунандагон), мезо (паркҳои экосаноатӣ) ва макро (шаҳр, минтақа, давлат ва сатҳи байналмилалӣ). Ҳадафи асосии он таъмини рушди устувор тавассути фароҳам овардани муҳити зисти солим, рушди иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ ба манфиати наслҳои имрӯза ва оянда мебошад. |
| Sauve S., Bernard S., Sloan P. | Иқтисодиёти даврӣ модели истеҳсол ва истеъмоли молу хизматрасониҳо мебошад, ки ба гардиши пӯшидаи ҷараёнҳои моддӣ асос ёфтааст. Дар ин модел таъсири омилҳои берунаи экологӣ, ки бо истихроҷи захираҳои аввалия ва ташаккули партовҳо (аз ҷумла ифлосшавии муҳити зист) алоқамананд, ба назар гирифта мешаванд. |
| Korhonen J., Nuur C., Feldmann A., Eshetu Birkie S. | Иқтисодиёти даврӣ ҳамчун ташаббуси муҳими рушди устувор баррасӣ мешавад, ки ба коҳиш додани хусусияти хаттии системаҳои истеҳсол ва истеъмол равона гардидааст. Он истифодаи давраҳои гардиши мавод, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷараёнҳои каскадии энергияро дар бар мегирад. Ин модел ҳамзамон ҳамкории системавии истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва дигар субъектҳои иқтисодиро барои ноил шудан ба рушди устувор тақвият медиҳад. |
| ШкарупетаЕ.В., Гилёк С.А., Польщиков Т.И. | Иқтисодиёти даврӣ модели консептуалӣ ва системавии рушди иқтисодӣ мебошад, ки ба истифодаи такрории маҳсулоти моддӣ ва захираҳои энергетикӣ равона гардидааст. Ҳадафи он кам намудани партовҳо ва ифлосшавии муҳити зист, баланд бардоштани устувории равандҳои истеҳсолӣ, барқарорсозии муҳити зист ва эҷоди арзиши иловагии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад. |
| Александрова В.Д., Есипова О.В. | Иқтисодиёти даврӣ фаъолияти иқтисодиест, ки ба сарфаи энергия, рушди истеҳсолоти экологӣ тоза ва барқароршаванда, инчунин ба истифода ва истеъмоли самараноки захираҳо равона шудааст. Модели даврӣ яке аз роҳҳои муассири нигоҳдории захираҳо ва мавод буда, имконияти таъмини рушди устувори иқтисодиро фароҳам меорад. |
| Пилюгина М.А. | Иқтисодиёти даврӣ модели рушди иқтисодӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва кам кардани хавфҳо барои муҳити зист равона шудааст. Ин модел ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд. |

Манбаъ: Аз тарафи муаллиф дар асоси асдабиетҳои 2-5 таҳия шудааст

Таҳлили таърифҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқони гуногун нишон медиҳад, ки консепсияи иқтисодиёти даврӣ дар адабиёти илмӣ аз нуқтаҳои назари гуногун шарҳ дода мешавад. Бо вуҷуди фарқияти равишҳо, аксари олимон бар он назаранд, ки иқтисодиёти даврӣ ба истифодаи самараноки захираҳо, кам кардани ҳаҷми партовҳо ва ташкили гардиши такрории мавод дар равандҳои истеҳсол ва истеъмол равона шудааст. Дар аксари таърифҳо инчунин таъкид мегардад, ки иқтисодиёти даврӣ на танҳо ба ҳалли масъалаҳои экологӣ, балки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад. Яъне, татбиқи принсипҳои ин модел имкон медиҳад, ки истифодаи захираҳои табиӣ самараноктар гардида, ҳамзамон рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист таъмин карда шавад. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба иқтисодиёти даврӣ ҳоло дар марҳилаи ибтидоии омӯзиш қарор доранд. Кишвар тадриҷан ба татбиқи принсипҳои иқтисодиёти сабз ва иқтисодиёти даврӣ рӯ меорад. Дар робита ба ин, шумораи тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт ҳанӯз нисбатан маҳдуд буда, дар адабиёти илмии миллӣ то ҳол таърифи ягона ва мукаммали мафҳуми иқтисодиёти даврӣ пурра шакл нагирифтааст. Андешаҳо ва таърифҳои пешниҳодшуда аз ҷониби муҳаққиқоне, ки дар боло зикр гардиданд, ҳамчун асоси назариявии фаҳмиши консепсияи иқтисодиёти даврӣ қабул карда мешаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки моҳият ва хусусиятҳои асосии иқтисодиёти даврӣ дар асоси таҷрибаи илмии байналмилалӣ ба таври мукаммалтар дарк карда шаванд.

## 4. Иқтисодиёти хаттӣ ва иқтисодиёти даврӣ.

Иқтисодиёти муосир дар таърихи рушди худ асосан ба модели иқтисодиёти хаттӣ такя мекард. Аммо дар шароити маҳдудияти захираҳои табиӣ, зиёд шудани ҳаҷми партовҳо ва афзоиши мушкилоти экологӣ зарурати гузариш ба модели нави иқтисодӣ — иқтисодиёти даврӣ ба миён омад. Барои фаҳмидани моҳияти ин ду модел, муқоисаи онҳо аҳамияти муҳим дорад.

Иқтисодиёти хаттӣ модели анъанавии рушди иқтисодӣ мебошад, ки ба принсипи «гирифтан – истеҳсол кардан – истифода бурдан – партофтан» асос ёфтааст. Дар ин модел захираҳои табиӣ истихроҷ карда мешаванд, ба маҳсулот табдил дода мешаванд, пас аз истифода бошад ҳамчун партов партофта мешаванд. Хусусияти асосии ин модел дар он аст, ки ҷараёни истифодаи захираҳо яктарафа мебошад. Яъне мавод аз табиат гирифта шуда, пас аз истифода ба партов табдил меёбад. Дар натиҷа чунин модел боиси кам шудани захираҳои табиӣ ва зиёд гардидани партовҳо мегардад. Ин модели иқтисодӣ асосан ба истеҳсоли босуръат ва истеъмоли зиёд равона шуда, ба давомнокии истифодаи маҳсулот ва таъсири экологӣ диққати кам медиҳад.

Иқтисодиёти даврӣ модели иқтисодие мебошад, ки дар он маҳсулот, мавод ва захираҳо то ҳадди имкон дар гардиши иқтисодӣ нигоҳ дошта мешаванд. Дар ин модел маҳсулот барои истифодаи дарозмуддат тарҳрезӣ шуда, таъмир, истифодаи дубора ва коркарди онҳо ба назар гирифта мешавад. Иқтисодиёти даврӣ ба принсипҳои reduce, reuse, recycle (кам кардан, истифодаи такрорӣ ва коркарди дубора) асос ёфтааст. Мақсади асосии он кам кардани партовҳо ва нигоҳ доштани арзиши захираҳо дар иқтисод мебошад. Дар ин модел партов ҳамчун захираи нав баррасӣ шуда, мавод пас аз истифода дубора ба раванди истеҳсолот ворид карда мешавад.

Ҷадвали 2. - Муқоисаи асосии ду модел

| Меъёр | Иқтисодиёти хаттӣ | Иқтисодиёти даврӣ |
| --- | --- | --- |
| Принсипи асосӣ | «Гирифтан – истеҳсол кардан – партофтан» | «Кам кардан – истифодаи такрорӣ – коркарди дубора» |
| Ҷараёни захираҳо | Яктарафа (аз табиат ба партов) | Даврӣ ва такрорӣ |
| Муносибат ба партовҳо | Партов ҳамчун маҳсулоти нолозим | Партов ҳамчун захираи нав |
| Тарҳрезии маҳсулот | Давраи ҳаёти кӯтоҳ | Давраи ҳаёти дароз, таъмиршаванда |
| Таъсир ба муҳити зист | Ифлосшавӣ ва зиёдшавии партовҳо | Кам кардани партовҳо ва ҳифзи захираҳо |
| Самаранокии истифодаи захираҳо | Паст | Баланд |

Манбаъ: Аз тарафи муаллиф дар асоси асдабиетҳои 2-5 таҳия шудааст

Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки иқтисодиёти хаттӣ ва иқтисодиёти даврӣ ду модели комилан гуногуни рушди иқтисодӣ мебошанд. Модели хаттӣ ба истеъмоли зиёд ва истифодаи яккаратаи захираҳо асос ёфтааст, дар ҳоле ки модели даврӣ ба нигоҳ доштани арзиши захираҳо, кам кардани партовҳо ва истифодаи самараноки мавод равона мебошад. Аз ин рӯ, имрӯз дар бисёр кишварҳои ҷаҳон гузариш ба иқтисодиёти даврӣ ҳамчун яке аз роҳҳои муҳими таъмини рушди устувор баррасӣ мегардад.

5. **Принсипҳои асосии иқтисодиёти даврӣ.**

Иқтисодиёти даврӣ ба маҷмӯи принсипҳое такя мекунад, ки ҳадафи онҳо истифодаи самараноки захираҳо, кам намудани партовҳо ва нигоҳ доштани арзиши мавод дар гардиши иқтисодӣ мебошад. Ин принсипҳо асоси ташаккули низоми нави истеҳсол ва истеъмолро ташкил медиҳанд ва ба гузариш аз модели анъанавии иқтисодиёти хаттӣ ба модели устувори иқтисодиёти даврӣ мусоидат менамоянд. Дар адабиёти илмӣ як қатор принсипҳои муҳими иқтисодиёти даврӣ пешниҳод шудаанд, ки муҳимтарини онҳо чунинанд.

1. Кам кардани истифодаи захираҳо (Reduce)

Ин принсип ба кам намудани истифодаи ашёи хом, энергия ва дигар захираҳои табиӣ равона шудааст. Бо истифода аз технологияҳои муосир ва оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ мумкин аст истеъмоли захираҳо кам карда шавад.

2. Истифодаи такрории маҳсулот (Reuse)

Маҳсулот ё қисмҳои он метавонанд пас аз истифода дубора ба кор бурда шаванд. Ин раванд ба дароз гардидани давраи ҳаёти маҳсулот ва кам шудани талабот ба истеҳсоли маҳсулоти нав мусоидат мекунад.

3. Коркарди дубораи мавод (Recycle)

Маводҳое, ки пас аз истифода ҳамчун партов ба вуҷуд меоянд, метавонанд коркард шуда, дубора ҳамчун ашёи хом дар истеҳсол истифода гарданд. Ин раванд ба кам шудани ҳаҷми партовҳо мусоидат мекунад.

4. Барқарорсозии захираҳо (Recovery)

Дар баъзе ҳолатҳо аз партовҳо метавон энергия ё дигар захираҳои арзишманд ба даст овард. Масалан, коркарди партовҳои органикӣ барои истеҳсоли энергия ё нуриҳои органикӣ.

5. Тарҳрезии экологӣ (Refurbish)

Ин равандест, ки дар он маҳсулоти истифодашуда ё кӯҳна таъмир ва нав карда мешавад, то ки боз бо сифати беҳтар истифода бурда шавад. Одатан баъзе қисмҳои маҳсулот иваз ё беҳтар карда мешаванд.

6. Истеҳсоли дубораи маҳсулот (Remanufacturing)

Ин равандест, ки дар он маҳсулоти истифодашуда ё кӯҳна пурра ҷудо карда шуда, қисмҳои он санҷида, таъмир ё иваз карда мешаванд ва баъд дубора ҷамъ карда мешаванд, то ки маҳсулот ба сатҳи қариб мисли маҳсулоти нав баробар гардад.

7. Таъмири маҳсулот (Repair)

Ин принсип ба он равона шудааст, ки маҳсулот ё таҷҳизот ҳангоми вайрон шудан партофта нашавад, балки таъмир карда шуда, боз истифода бурда шавад. Бо ин роҳ мӯҳлати истифодаи маҳсулот зиёд мегардад ва зарурати истеҳсоли маҳсулоти нав кам мешавад.

Принсипҳои иқтисодиёти даврӣ ба ташкили низоми иқтисодие равона шудаанд, ки дар он захираҳо самаранок истифода мешаванд, ҳаҷми партовҳо коҳиш меёбад ва таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист кам мегардад. Татбиқи ин принсипҳо ба ташаккули модели рушди устувор ва баланд гардидани рақобатпазирии иқтисодиёт мусоидат мекунад.

## 6. Нақши иқтисодиёти даврӣ дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)

Яке аз самтҳои муҳими татбиқи иқтисодиёти даврӣ робитаи он бо Ҳадафҳои рушди устувор (ЦУР) мебошад. Ҳадафҳои рушди устувор маҷмӯи 17 ҳадафи глобалӣ мебошанд, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар соли 2015 дар доираи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 қабул гардидаанд. Ҳадафи асосии онҳо таъмини рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад. Иқтисодиёти даврӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳим барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо баррасӣ мегардад, зеро принсипҳои он ба истифодаи самараноки захираҳо, кам кардани партовҳо ва рушди иқтисодиёти устувор равона шудаанд.

Иқтисодиёти даврӣ ба татбиқи як қатор ҳадафҳои рушди устувор мусоидат мекунад.

Ҳадафи 8 — Рушди иқтисодӣ ва шуғли муносиб

Иқтисодиёти даврӣ ба ташкили ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои коркарди дубораи мавод, идоракунии партовҳо ва технологияҳои сабз мусоидат мекунад. Ин раванд метавонад рушди иқтисодиро таъмин намуда, сатҳи шуғли аҳолиро баланд бардорад.

Ҳадафи 9 — Саноат, инноватсия ва инфрасохтор

Модели иқтисодиёти даврӣ рушди технологияҳои нав ва истеҳсолоти инноватсиониро талаб мекунад. Ин ба ташаккули инфрасохтори устувор ва баланд бардоштани самаранокии равандҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

Ҳадафи 11 — Шаҳрҳо ва ҷомеаҳои устувор

Дар шароити иқтисодиёти даврӣ шаҳрҳо метавонанд системаи самараноки идоракунии партовҳо ва истифодаи такрории захираҳоро ташкил намоянд. Ин ба беҳтар гардидани муҳити зист ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Ҳадафи 12 — Истеҳсол ва истеъмоли масъулона

Ин ҳадаф яке аз муҳимтарин самтҳои робитаи иқтисодиёти даврӣ бо рушди устувор мебошад. Иқтисодиёти даврӣ ба ташкили моделҳои нави истеҳсол ва истеъмол равона шудааст, ки дар онҳо истифодаи самараноки захираҳо ва кам кардани партовҳо аҳамияти асосӣ доранд.

Ҳадафи 13 — Мубориза бо тағйирёбии иқлим

Бо кам шудани истифодаи захираҳои табиӣ ва коҳиши партовҳо иқтисодиёти даврӣ метавонад ба кам шудани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва коҳиши таъсири тағйирёбии иқлим мусоидат намояд.

Ҳадафи 15 — Ҳифзи экосистемаҳои замин

Истифодаи самараноки захираҳо ва кам шудани истихроҷи ашёи хом ба ҳифзи экосистемаҳо ва гуногунии биологӣ мусоидат мекунад.

Иқтисодиёти даврӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими татбиқи ҳадафҳои рушди устувор баррасӣ мегардад. Он ба ҳамоҳангсозии рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар гардидани шароити иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар шароити муосир бисёр кишварҳо стратегияҳои рушди иқтисодиёти сабз ва давриро қабул намуда, онҳоро ҳамчун қисми муҳими сиёсати давлатӣ барои татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 истифода мебаранд.

**Адабиёт**


1. Industrial Symbiosis for the Circular Economy: Operational Experiences, Best Practices and Obstacles to a Collaborative Business Approach, Raggi, Andrea et al., Springer, 2020.
2. Mastering the Circular Economy: A Practical Approach to the Circular Business Model Transformation, Weenk, Ed & Henzen, Rozanne, Kogan Page, 2021.
3. Value Co-Creation Processes in Circular Firms: Beyond Organizational Boundaries, Re, B., Palgrave Macmillan, 2024.
4. The Circular Economy: Case Studies about the Transition from the Linear Economy, Sillanpää, M.; Ncibi, C., Elsevier, 2019.
5. Circular Economy in Design and Product Management: Co-Creation at the Center of Circular Value Creation, Walcher, D., Springer Gabler, 2017.
6. United Nations. (2015). Transforming our world: The 2030 Agenda for Sustainable Development.
7. Стратегияи рушди иқтисодиёти “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037.